# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ ба ихтисос ва самти илм мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама татбиқшавии шартҳои умумии он яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, инчунин, созмон додани давлати иҷтимоиро пеш гирифтааст. Гузашта аз ин, дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардидааст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ таъминкунандаи чунин ҳуқуқҳо мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти судӣ яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, он таъминкунандаи адолат дар ҷомеа мебошад. Дар ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд нақши мақомоти судӣ дар таъмини адолати иҷтимоӣ ва таҳкими қонуният дучанд муҳим аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳои худ ба нақш ва мақоми ҳокимияти судӣ дар ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, таҳкими қонуният дар давлат таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Аз ҷумла таъкид намуданд, ки ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро кафолат дода, фаъолияти он ба таъмин намудани қонуният ва адолати иҷтимоӣ равона шудааст. Инчунин, иброз намудаанд, ки қабул ва амалӣ намудани чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ, афзоиши ҳарсолаи маблағгузории мақомоти судӣ, баланд бардоштани маоши судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо аз ҷумлаи иқдомоти зикршуда мебошанд.

Бояд иброз намуд, ки имрӯз тибқи таҳлилҳо камбудиву норасогӣ дар фаъолияти ин ниҳоди бениҳоят муҳимми давлатӣ ҷой дорад. Вобаста ба ин камбудиҳо дар чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) инчунин, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2018-2028 норасогиву камбудиҳо ва анҷом додани яккатор корҳои мушаххас зикр гадидааст, ки давра ба давра амалӣ гардидани онҳо ҷиҳати рушди ҳокимияти судӣ ва ба амалбарории ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Анҷом додани тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ амри зарурӣ ва мутобиқ ба амалигардонии сиёсти давлатӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмӣ дорад, чунки дар доираи он бори аввал дар илми назариявии мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо истифодаи мафҳум ва категорияҳои мурофиаи ҷиноятӣ; усулҳои махсуси дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, бо дарназардошти робитаи асосҳои конститутсионии адлияи ҷиноятӣ бо падидаҳо ва равандҳои амалияи судӣ ва табиқи ҳуқуқ анҷом дода шудааст.

Дар диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. ғояҳои доктриналӣ оид ба таснифоти низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, такмил додани қоидаҳои риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар марҳилаҳои судӣ коркард шудааст, ки онҳо ба ҳалли маҷмуи масъалаҳое, ки бо шаклбандӣ, банизомдарорӣ, мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ ва азнавсозии ҳам меъёрҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятии ватанӣ ҳам амалияи судии ҳуқуқтатбиқнамоӣ алоқамандӣ доранд, асос мешаванд.

Диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур – «Табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ», муаллиф асоснок мекунад, ки муҳокимаи судӣ моҳияти иҷтимоӣ, расмӣ ва ҳуқуқӣ дошта, ҷузъи муҳимми фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ (давлатӣ) мебошад, ки асос, тартиб, қоида ва шартҳои пешбурди онро дар сатҳи меъёрӣ (ҳатмӣ) давлат муқаррар мекунад ва аз номи давлат иҷро мешавад. Муҳокимаи судӣ дар асоси принсипҳои конститутсионии адолати судӣ (ғояҳои роҳбарикунанда) амалӣ мешавад, ки мазмун ва моҳияти мурофиаи судӣ, ҳадаф ва вазифаҳои амалишавии онро муайян кардааст (саҳ. 31 диссертатсия).

Иброз карда мешавад, ки муҳокимаи судӣ ҳамчун шакли маъмул ва марказии фаъолияти мурофиавии суд, ки бо тартиби муайян аз тарафи мақомоти олии қонунгузор муқаррар шудааст, ки дар таносуби «пешбурди судӣ», «марҳилаи судӣ», «маҷлиси судӣ», «баррасии судӣ», «дида баромадан ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ» ва «мурофиаи судии парвандаи ҷиноятӣ» таҳлил гашта, афзалияти «муҳокимаи судӣ» ҳамчун марҳилаи мустақили судӣ муаррифӣ мешавад (саҳ. 25-42 диссертатсия).

Дар баробари ин, диссертант ҷиҳати мазмун ва моҳияти муҳокимаи судӣ пешбарӣ мекунад, ки муҳокимаи судӣ баҳри баррасии холисона, шаффоф ва одилонаи баҳси ҳуқуқӣ байни тарафҳо амалӣ мешавад, ҷузъи таркибӣ ва асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва раванди ҳуқуқтатбиққуние махсуб меёбад, ки дар ба амалбарории он қарорҳои ниҳоие қабул мегардад, ки боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигар (ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ) мегардад (саҳ. 43 диссертатсия).

Дар зербоби дуюми боби якум – «Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии марҳилаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», муаллиф бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ, инчунин, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ба амалбарории адолати судиро, ки яке аз соҳаҳои муҳимми танзими муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, таъиноти давлат ва масъулияти он дар таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардидааст вобаста ба амалишавииислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Иброз карда мешавад, ки асосҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта, аз ҳуқуқҳои фитрии инсон, анъанаҳои маънавии миллӣ сарчашма мегиранд, ки дар қонунгузории муосири Тоҷикистон аввалин маротиба шакли расмӣ гирифтаанд ва хусусияти умумиҳатмӣ пайдо кардаанд ва амалӣ гаштани онҳо минбаъд ҳам зарурияти такмил додани фаъолияти тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ, амалҳои мурофиавиву судиро талаб мекунад (саҳ. 51 диссертатсия). Бо мазмуни баланди илмӣ мутобиқан ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ томият, умумият ва пайвастагии фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти давлатӣ, таъинот ва мазмуни принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ба ҳам алоқамандии тамоми амалҳои мурофиавиро бо ҳадафи он баррасӣ гардидааст (саҳ. 63-66 диссертатсия).

Зербоби сеюми боби якум – «Нақши марҳилаи муҳокимаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот бо маҳорати баланди илмӣ бештар услубҳои таҳлили ҳуқуқии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, хронология ва абстраксияро истифода бурда, таносуби муқарраротӣ «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ», «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ», «баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ», ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро дар таркиби фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди омӯзишу баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Аз ҷониби диссертант хулоса карда мешавад, ки ҷиҳати таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд,

манфиати давлат, ташкилотҳо аз таҷовузи ҷиноят ва ҷинояткорӣ мутобик сохтани меъёрҳои соҳа ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин, мутобиқати санадҳои ҳуқуқии миллӣ, бо дар назар доштани танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар таҳрири нав минбаъд ҳам мувофиқи мақсад аст.

Боби дуюми диссертатсия – «Ташаккулёбӣ, моҳият, аҳаммият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур – «Заминаҳои иҷтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ», ба маврид иброз карда мешавад, ки шарту шароити баргузории мурофиаи судӣ ифодаи натиҷаҳои кӯшиш ва иродаи аҳли ҷомеа дар роҳи пешгирии беадолатӣ ва бенизомӣ, зулму шиканҷа, бемасъулиятӣ, худсарӣ ва худмаҳвкунӣ, ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ мебошад, ки минбаъд аҳаммияти иҷтимоии он то сатҳи ҳуқуқӣ (расмӣ) расида, риоя ва иҷрои онҳо хусусияти умумиҳатмӣ пайдо кардааст. Инъикоси шаффофи рӯйдодҳои таърихии ҳаёти ҷомеа, таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи он, зинаҳои ташаккулёбии қоидаҳои рафтор, шаклҳои танзими ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқ, адолат ва роҳҳои таъмини он, имрӯз ба муаллиф имконият додааст, ки сабақҳои гузашта ва ҳозираро муқоиса ва таҳлил намуда, самтҳои ояндаи рушди қонунгузорӣ, фаъолияти судӣ ва мурофиаи судиро дар таъмини адолати иҷтимоӣ муайян намояд.

Дар замони муосир Тоҷикистон ба бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ шурӯъ намуда, дар Конститутсия арзишҳои фарҳангии миллиро ҳамчун дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат пешбинӣ кардааст. Бо дарки ин ҳадафҳо, халқи Тоҷикистон ба ин роҳ қадамҳои устувор гузошта, барои боз ҳам васеътар ворид шудани унсурҳои демократияи муосир дар ҷомеа тадбирҳо меандешад. Дурнамое, ки Тоҷикистон сиёсати давлатиро ба он равона намудааст, бо дарназардошти расму оин ва анъанаҳои давлатдории миллӣ, арзишҳо ва муқаддасоти ахлоқию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии халқи тоҷик зиндагии осоишта, тарзи ҳаёти дунявӣ, фаъолияти озодонаи ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, умуман ҳуқуқу озодиҳои кулли шаҳрвандони мамлакатро таъмин намуда, манфиатҳои тамоми мардуми Тоҷикистонро пуштибонӣ мекунад. Муҳаққиқи диссертатсия бо маҳорати баланди хулосабарорӣ, фикру андешаи олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар марҳилаҳои ташакулёбӣ ва рушди қоидаҳои мурофиавии судиро бо назардошти хусусиятҳои хоси таърихии он даврабандӣ намудаасти (саҳ. 90-95 м).

Зербоби дуюми боби дуюм – «Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» номгузорӣ гардидааст. Дар зербоби мазкур шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ки на танҳо ифодаи ҷамъи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, балки уҳдадории давлат ва кафолати расмиро ифода мекунанд, ки аз талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, дар

ягонагӣ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани маҷлиси судиро таъмин менамоянд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ имконият додааст, ки диссертант андешаҳои худро оид ба дар муҳокимаи судӣ таъмин гаштани беғаразона, одилона, ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани тамоми ҳолатҳои парванда ва ҷиҳати шароити зарурӣ фароҳам овардан ба тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда дар муҳокимаи судӣ асоснок намояд. Ҷанбаи назарраси кор дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти илмӣ дар ҳамбастагии назария бо амалия анҷом дода шудааст.

Бисёр саривақтона пешниҳод карда мешавад, ки дар самти такмил додани амалияи тафтишотию судӣ дар фаъолияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ (аз рӯйи мазмун ва моҳияти онҳо) ва баланд бардоштани сатҳу сифати баамалбарории адолати судӣ шарҳу маънидоди асосноки мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, бартараф кардани ихтилофи меъёрҳо, коркард ва мавриди амал қарор додани тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдиди назар ба қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷалби мутахассисони соҳа мубрам ва муҳим дониста шудааст (саҳ. 118-119 диссертатсия).

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ», муаллиф бо таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ масъаларо баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ барои иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ шароит муҳайё менамоянд. Иброз карда мешавад, ки барои бартараф кардани ихтилофи мазмун ва таъмини мутобиқат бо меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки муқаррароти мурофиаи судии ҷиноятии дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» пешбинишуда, бояд ба муқаррароти КМҶ ҶТ мутобиқ бошанд (саҳ. 137 диссертатсия).

Дар асоси таҳлилҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи илмӣ ба диссертант имконият фароҳам омадааст, ки пешниҳодҳои муҳимми илмӣ дар самти назария ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод карда шавад.

Боби сеюми рисола - «Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва таснифи онҳо» - аз чаҳор зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм ба «Низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шудааст. Бо таснифи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муаллиф имкон пайдо кардааст, ки сохтори такибии “низоми шартҳои умумӣ»-ро ба ҷузъ ва ё унсурҳои таркибии алоҳида (аз рӯйи хусусият, аҳаммият, мазмун, пайдарҳамӣ, пайвастагӣ, нишона, сифатҳои таъсиррасонӣ ба муносибати ҳуқуқӣ ва ғ.), дар алоҳидагӣ ҷудо карда, пас ба алоқамандии онҳо дар ягонагӣ

баҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ диҳад. Тавассути таснифоти ҳуқуқии низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар доираи ҳудуд ва меъёрҳои муқарраркардаи қонун, аз ибтидо то интиҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аҳаммият, мазмун ва «*умумияти*» ҳар як шарт муайян карда шуда, ҳалли асосноки масъалаҳои назариявӣ ва муайян кардани роҳҳои бартараф кардани мушкилоти дар амалияи судӣ ҷойдошта пешниҳод шудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Асоснок шудааст, ки «муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ» мазмуни нисбатан васеъ дошта, он аз принсипҳои адолати судӣ сарчашма гирифтааст, лекин танҳо бо «тафтиши далелҳо» маҳдуд намешавад, балки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад, то ки далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда ҳамаҷониба, пурра ва холисона аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо бевосита тафтиш карда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Бо таҳлили ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимми мурофиавӣ ва расмӣ дошта, амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ, иштироки намояндагони доираи васеи иҷтимоиро дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ таъмин мекунад, муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятиро ҳамчун минбари демократӣ таҷассум менамояд ва барои амалӣ гардидани адолати судӣ дар асосҳои мубоҳиса, ошкорбаёнӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо шароит ба вуҷуд меорад, аз ҷумла шакли амалисозии назорати аҳли ҷомеаро аз болои фаъолияти ҳокимияти судӣ нишон медиҳад.

Зербоби чоруми боби сеюм ба «Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд» бахшида шудааст. Диссертант муайян кардааст, ки қоидаҳои ҳайъати дастаҷамъона ва ё танҳо баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, салоҳияти судя, ҳолатҳое, ки иштироки судяро дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ истисно мекунанд, муқаррароти муҳимми қонунгузорӣ мебошанд, ки барои холисона ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ, бартараф ва пешгирӣ кардани ҳама гуна дахолат, манфиатдорӣ, ҷонибдорӣ ё ҳолатҳои дигари таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷорӣ шудааст.

Дар натиҷаи таҳлил бо мақсади таъмини беғаразии судя ва салоҳиятнокии ӯ пешниҳод мешавад, ки қисми 5, м.124 КМҶ ҶТ бояд ихтисор карда шуда, баҳри татбиқи ягона ва дақиқи қоидаҳои тағйирнопазирии ҳайъати суд матни қисми 1, м. 62 КМ ҶТ бо иловаи зерин тағйир дода шавад:

«Судяе, ки қарори ба ҳабс гирифтан ё тахти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ё айбдоршавандаро қабул намудааст, мухлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳоро дароз кардааст ё шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро аз амал (беамалӣ) ва қарори

мақомоти тахқиқ, тахқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор то баргузории маҷлиси судӣ баррасӣ кардааст, салоҳияти дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карданро надорад».

Боби чорум ба «Масоили мубрами амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шуда, дар зербоби аввал «Мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф мавқеъ ва имкониятҳои мурофиавии тарафи айбдоркунанда ва ҳимояро дар раванди исбот дар марҳилаҳои судӣ ва тосудӣ (то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ) муҳокима карда, ба хулоса омадааст, ки фаҳмиши ҳадди имконпазири баробарии мурофиавии тарафҳо ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд алоқаманд ва мутобиқ дониста шаванд. Муаллиф баъзе аз маҳдудиятҳои мавҷударо мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода, мутобиқати онҳоро бо меъёрҳои конститутсионии адолати судӣ муайян кардааст.

Дар зербоби дуюми боби чорум масъалаи «Хусусияти иштироки судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ» мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ барои дақиқ кардани мавқеи судшаванда пешниҳод шудааст, ки дар қисми 3 м. 310 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки «...дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ танҳо аз ҷониби судшаванда бо розигии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида аз ҷониби суд, судя *қонеъ карда мешавад*». Чунки: а) ҳуқуқи судшаванда ба пешниҳоди дархост “бо розигии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида» маҳдуд шудааст; б) судшаванда ҳамчун иштирокчии мурофиаи судӣ имконият дорад мустақилона *бе розигии тарафҳо* оид ба масъалаҳои мурофиавӣ ба суд бо дархост муроҷиат намояд (м.м. 277, 306 КМҶ ҶТ). Бо ин таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки воқеан маҳдудияти мавқеи судшаванда ва ҷабрдида ҳангоми на танҳо тафтиши содакардашудаи судӣ, балки умуман мурофиаи ҷиноятӣ ҷой дорад.

Дар зербоби сеюми боби чорум масъалаи «Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» таҳлил шудааст. Таҳлили назария ва амалияи судӣ ба муаллиф имконият додааст, ки самти таҳқиқотро чунин гурӯҳбандӣ намояд: а) мустақилияти суд ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ ё мустақилияти расмӣ (ҳокимияти давлатӣ), ки расман дахолати мақомоти қонунбарор ва иҷроияро ба фаъолияти судҳо истисно мекунад; б) мустақилияти мурофиавӣ, ки дар ҳалли масъалаҳо ва қабули қарори мурофиавӣ дахолати ҳама мақомотеро, ки ба низоми судӣ дохил намешавад, манъ мекунад; в) муайян кардани ҳадду ҳудуди мустақилияти мурофиавии суд, судя новобаста аз мавқеи тарафҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ; г) муайян кардани ҳадди муҳокимаи судии масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ.

Дар зербоби чоруми боби чорум «Амал ва санадҳои судӣ зимни муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор дода шуда, қайд

шудааст, ки воқеияти кунунӣ, таъмини амният ва пешгирии хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, муқовимат ба ҷиноятқорӣ масъулияти баланди кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва судиро талаб мекунад. Дар натиҷаи таҳлил муайян шудааст, ки тибқи м.35 (2) КМҶ ҶТ иштирокчиёни мурофиа аз болои қарори судя дар бораи додани иҷозат барои гузаронидани амали тафтишӣ ё дар бораи рад кардани гузаронидани он ба суди болоӣ ҳуқуқи шикоят карданро доранд, лекин дар ин меъёр имконияти иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, инчунин, ҳатман супорида шудани нусхаи қарори судя ба онҳо пешбинӣ намешавад, то ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа амалӣ гардад.

Боби панҷум ба «Муаммои назария ва амалияи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» бахшида шуда, се зербобро фаро гирифтааст. Дар зербоби якуми боби панҷум масъалаҳои «Боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ» таҳлил шудааст. Барои бартараф карда шудани маҳдудиятҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ пешниҳод шудааст, ки дар сурати то таъини муҳокимаи судӣ аз ҷониби судя баррасӣ шудани масъалаҳои интихоб, тағйир додан ва бекор кардани чораҳои пешгирӣ (ки ҳуқуқу озодии шахсро муваққатан ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунанд), инчунин, андешидани чораҳо (дар намуди ҳабси молу мулк) ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст, иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, ситонидани дигар пардохтҳои молумулкӣ ва эҳтимоли мусодираи молу мулк иштироки тарафҳо дар муҳокимаи ин масъалаҳо таъмин карда шавад. Асоснок шудааст, ки дар матни қисми 3 м.286 КМҶ ҶТ муқаррароти «.... Кофтукови судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти (қарори) суд эълон карда мешавад» бо таҳрири зерин: «.... Ҷустуҷӯи судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти суд ё қарори судя эълон карда мешавад» пешбинӣ гардад.

Дар зербоби дуюми боби панҷум «Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Муаллиф масъалаи аз ҷониби судя ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятиро мавриди таҳлил қарор дода, бо назардошти амалияи судӣ ба хулоса омадааст, ки дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба вайронкунии «ҷиддӣ» ва ё «ҷиддӣ нестанд» ҷудо кардан мутобиқи вазифа, принсип, таъинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ нест. Дар амалия ва назария чунин муқаррарот ихтилофи меъёрҳои амалкунанда (м.9 КМҶ ҶТ) ва шарҳу эзоҳи пурихтилоф ва гуногуни қоидаҳои мурофиаи ҷиноятиро ба миён меорад, ки татбиқи дуруст ва дақиқи қонунро коҳиш медиҳад.

Зербоби сеюми боби панҷум ба «Аҳаммияти расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии

муҳокимаи судӣ» бахшида мешавад. Диссертант оид ба мазмуни истилоҳоти «шакли мурофиавӣ», «талаботи мурофиавӣ», «ифодаи кафолати мурофиавӣ», «тартиби расмии мурофиавӣ» нуқтаи назари худро асоснок ва пешбарӣ мекунад, ки расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун шарти умумии муҳоимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ якчанд шартҳои дигарро муттаҳид намуда, инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст. Иҷрои тамоми амалҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, таҳия ва қабули тамоми санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳадафу вазифаҳои умумӣ ва ягона доранд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қаҳорзода Н.М. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ, ба татбиқшавӣ, риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти ҳокимияти судӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида, инчунин, аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи амалии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамоянд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои риоя ва иҷро шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ , таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти фаъолияти судӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар оид ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қаҳорзода Н.М. аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ

ва амалӣ дар самти амалияи судии татбиқи ҳуқуқ истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба асосҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводди диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумот ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти мурофиавии судии ҷиноятӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ислоҳоти соҳа истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи судии ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати амалигардонии ислоҳоти судӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин, ҷараёни таълими фанҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, асосҳои адолати судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 55 маводди илмӣ, аз ҷумла, 3 монография, 18 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расонидааст.

Диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбат, инчунин, аз камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез орӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Муаллиф, дар навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии хеш пешниҳод намудааст, ки “консепсияи муосири рушди асосҳои адлияи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи стратегии такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешбарӣ мешаванд, ки онҳо умумият ва ягонагии шартҳои муқарраршудаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ тақвият бахшида, пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд”. Вобаста ба лоиҳаи Барномаи стратегии такмил додани / рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 22 ва 29 диссертатсия) қисмати асоснокии он дар шакли замимаҳо коркард карда шудаанд (замимаҳои №№ 1-4, саҳ. 447-451 диссертатсия). Вале, оид ба “Консепсияи муосири рушди асосҳои адлияи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мулоҳизаҳои муаллиф дар матни диссертатсия оварда нашудаанд, ки зарурати шунидани мавқеи муаллифро дар рафти ҳимояи ошкоро, тақозо менамояд.

2. Муаллиф, дар зербоби 5.2. “Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ” таҳқиқоти диссертатсионӣ (саҳ. 306-324) таҳлили мушаххас гузаронида ба якчанд таклифҳои судманд ноил

гардидааст. Ин таклифҳо, дар қисмати дигар таҳқиқоти диссертатсионӣ “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот” дар сархати 2 банди 1.20, банди 1.23 ва 1.24 (саҳ. 359 диссертатсия) таҷассум ёфтаанд, ки аз сатҳи коркарди масоили ҳалталаби фаъолияти ҳокимияти судӣ, шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, бояд иброз намоем, ки дар ин қисмати таҳлилҳои муаллиф як қатор баҳсҳое ҷой доранд, ки бояд ба риштаи таҳлил оварда мешуданд: 1. Ба талаботи замони имрӯз ҷавобгӯй будани муқаррароти дахлдори Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд» аз 23-юми декабри соли 2011, № 23; 2. Нагузаронидани таҳлили пурраи оморӣ ва мушаххас намудани сабабҳои баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ ва 3. Аз ҷониби муаллиф истифода нашудани маводди 72 парвандаҳои ҷиноятии ба тафтиши иловагӣ баргардонидашуда (дар давоми солҳои 2015-2024, ки аз ҷониби унвонҷӯ омӯхта шудааст (саҳ. 20 диссертатсия)).

3. Диссертант, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионии хеш, паҳлуҳои дахлдори мавзуи далелҳо ва исботро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки “барои дақиқ муқаррар шудани манбаи далелҳо сархатҳои 10,11,12 дар қисми 2 м.72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид карда шуда, бо тағйироти зерин «- маводҳои бо роҳи оперативию ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда» пешбинӣ шаванд” (саҳ. 211 диссертатсия). Ин таклифи хешро, муаллиф дар қисмати дигар таҳқиқоти диссертатсионӣ “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот” дар бандҳои 1.15 ва 1.16 (саҳ. 357-358 диссертатсия) такрор менамоянд. Ба таърихи пайдо шудани ин сарчашмаҳои далел дар қонунгузории ватанӣ аҳаммият надода, ба таҳлили пешниҳод муаллиф мегузарем. Якҷоя намудани се сарчашмаи алоҳидаи далелҳо, ки шакли мурофиавии зуҳурёбии хешро дар матни расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои алоҳида наёфтаанд, баҳсангез буда, асоснокии иловагиро талаб менамояд. Танҳо ба он ҳолат ишора менамоем, ки қонунгузори ватанӣ сар карда аз 25 марти соли 2011 аз истилоҳи “маводи” дар матни расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон даст кашид. Айни замон, дар м. 84 “Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” ҳам дар номи модда ва ҳам дар матни он истифода мешавад, ҳол он ки то санаи болозикр аз 03-юми декабри соли 2009 дар м. 84-и зикргардида истилоҳи “маводи” оварда шуда буд.

4. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки ҳарчанд дар Тоҷикистон ислоҳоти судию ҳуқуқӣ идома ёфта, роҳҳои амалишавии адолати судӣ такмил ёфта истода бошад ҳам, ҳоло сатҳи иштироки шаҳрвандон дар амали шудани адолати судӣ ва дастрас будани ҳимояи судӣ боиси нигаронӣ аст. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 25-уми июни соли 2021, № 1783, такмили фаъолияти сомонаҳои расмии судҳо, ҷорӣ намудани низоми тақсимоти электронии парвандаҳо ва

рушди минбаъдаи қонунгузорӣ вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти мақомоти судӣ ба баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии адолати судӣ мусоидат менамояд. Ин тадбирҳо имконият фароҳам меоранд, ки фаъолияти судҳо дар амалисозии адолати судӣ боз ҳам равшантар ва барои ҷомеа бозтар гардад (саҳ. 48 ва 57 диссертатсия). Аммо, муаллифи диссертатсия дар ин радиф ба масъалаи истифодаи технологияи рақамӣ таваҷҷуҳ наменамояд, ҳол он ки давлатҳои дуру наздик дар самти таъмини адолати судӣ аз чунин дастоварди замони муосир васеъ истифода мебаранд. Вобаста ба ин масъала мехостем андешаи диссертант дар рафти ҳимояи ошкоро шунида шавад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим буда, мураккаб ва баҳсбарангез мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуктаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои диссертатсия дар автореферат оварда шудааст ва мазмуну муҳтавои онро инъикос менамояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзимоти меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи онҳо» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қаҳорзода Насимҷон Мазбут сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
муовини сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм,
полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р.

**Имзои Раҳмадҷонзода Р.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Сомона: www.avkd.tj; E-mail: academia@vkd.tj

06 05 2026